## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика**

Истиқлолият барои пажӯҳишу баррасии мавзӯъҳои наву мубрам заминаи воқеӣ гузошт. Пажӯҳишгарон имкон пайдо намуданд, ки ба мавзӯъҳои таърихӣ ва проблемаҳои мубрами ҷомеа аз дидгоҳҳои гуногун назар намоянд, ба онҳо холисона арзиш диҳанд, нақши чеҳраҳои мондагор ва осори онҳоро дар ҷомеа муайян намоянд. Рисолаи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» дорои чунин хусусият аст.

Тавре аз мухтавои диссертатсия бармеояд, рисола аз муқаддима, се боб, хулосаву рӯйхати адабиёт иборат буда, дар муқаддима аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, навгонии кор, аҳамияти назарӣ ва амалии он ва масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавзеҳ ёфтаанд. Дар дараҷаи омӯзиши мавзӯъ диссертант маҷмӯи асару таълифоти дар ин самт ба анҷомрасидаро аз рӯйи хусусият ба се гурӯҳ тасниф намуда, дар бораи хислати корҳои илмии ҳар яке аз ин гурӯҳҳо маълумоти фишурда медиҳад, ки аз фазилати хуби диссертатсия гувоҳӣ медиҳад.

Боби аввали рисола **“Ҳаёт ва эҷодиёти Тоҷӣ Усмон дар контексти муҳими иҷтимоии замон”** унвон гирифта, аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб диссертант зимни таҳқиқи зиндагиномаи Тоҷӣ Усмон бо фактҳои таърихӣ собит месозад, ки “ҳамон солҳо ӯ бо устод Айнӣ муносибати дӯстона пайдо намуда, дар сафари якмоҳаи устод роҳбаладӣ кардааст. Маҳз дар заминаи ин сафар андешаи таълифи очеркҳои “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ва “Тирози ҷаҳон” дар устод пайдо шудааст” (саҳ.11). Ё ин ки дар ҷои дигари ҳамин боб таъкид мегардад, ки “ӯ яке аз

масъулони вохӯрии роҳбарони сегонаи бузург-Сталин, Рузвелт ва Черчил дар Теҳрон (1943) будааст” (саҳ.11). Муҳаққиқ бо овардани фактҳои таърихӣ чеҳраи Тоҷӣ Усмонро ҳамчун шахси таърихиву мунавварфикр тасвир мекунад. Дар фасли дуюм фаъолияти адабӣ ва илмию публитсистии Тоҷӣ Усмон бо мисолҳо баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюми рисола, ки “Мавқеи очерк дар публитсистикаи Тоҷӣ Усмон” унвон дорад, мавзӯи очеркҳои адиб ва публитсист Тоҷӣ Усмон ба риштаи пажӯҳиш кашида шуда, онҳо аз лиҳози мавзӯъ ва муҳтаво ба се қисм табақабандӣ шудаанд. Муаллифи рисола бо далелҳои муътамад хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳоро муайян мекунад ва ба натиҷа мерасад, ки “нависанда дар тасвири воқеаҳо, инъикоси характер, симои қаҳрамонон аз воситаҳои образофар- диалог, суҳбат, нақл, тасвир, ва амсоли ин моҳирона кор гирифтааст” (саҳ. 13). Дар фасли дуюми боби мазкур мавзӯи тақдири занон, бавижа занони суханвару эҷодкор, ҷалби занону духтарон ба мактабу маориф дар осори мустанади ӯ “Айса”, “Ҳафиза”, “Насими бахт” ва “Чилдухтарон” таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Муаллиф зимни баррасии ин мавзӯъ бештар ба тавзеҳи инфиродӣ рӯй меорад.

“Вижагиҳои публитсистикаи ҳаҷвии Тоҷӣ Усмон” боби сеюми рисоларо ташкил медиҳад ва ҳаҷвиёти адиб аз нигоҳи шакл ба се гурӯҳ ҷудо шуда, вижагиҳои умумиву хоси ҳар яке аз ин гурӯҳҳо муайян карда шудааст. Ба таъкиди диссертант, “осори ҳаҷвии адиб ва публитсист, бахусус фелетону памфлетҳои ӯ “Сад шикоят аз ҳикоят”, “Гила аз дӯст”, “Муаммо ё худ мурғи мусаммо”, “Пул пулро меёбад”, “Тилисми уштурбақа”, “Арӯси ду шавҳар”, “Сир аз анҳор” ва амсоли ин, ки бо имзоҳои гуногун интишор гардидаанд, моҳияти иҷтимоӣ дошта, дар онҳо камбудиҳои соҳаҳои алоҳида танқиду мазаммат шудаанд (саҳ.16). Мо ба хулосаи диссертант мувофиқем, ки воқеан гоҳо аносири ҳаҷв ва танз пайиҳам омада, боиси услуби равону фаҳмо, нақли ҷолиб ва тасвироти шавқовар гардидааст. Хислати фасли дуюми боби мазкур аз

он иборат аст, ки хусусияти жанрии осори адиб бо усули муқоиса таҳлил шудааст. Чунин тарзи кор қимати илмии рисоларо афзун намудааст.

Дар хотима диссертант хулосаҳои умумии корро дар 10 пункт пешниҳод намудааст.

Новобаста ба ин, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки онҳоро ба шакли фишурда зикр менамоем:

1. Аҳамияти мавзӯъ каме тӯл кашидааст, хислати публитсистӣ касб кардааст (саҳ.3-4).
2. Ҷанбаи илмии боби аввали рисола нисбатан заиф аст (саҳ.9-12).
3. Дар автореферати рисола баъзе камбудиҳои имлоӣ, аз ҷумла дар саҳифаи 11зимни навишти «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» нохунак афтодааст. Ё ин ки баъзе ҷумлаҳо услубан ноқисанд, амсоли «Маҳз дар заминаи ин сафар андешаи таълифи очеркҳои "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик" ва "Тирози ҷаҳон" дар устод пайдо шудааст"». Шакли дурусти он бояд чунин бошад. "Маҳз дар заминаи ин сафар андешаи таълифи очеркҳои "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик" ва "Тирози ҷаҳон" дар зеҳни устод пайдо шудааст".
4. Хулосаи умумии рисола хуб аст, аммо пунктҳо тул кашидаанд ва агар ҳар як пункт ба тарзи тезис дар ҳаҷми се-чаҳор ҷумлаи кӯтоҳ ва муъҷаз баён карда мешуд, қолаби илмии рисола устувор ва тарзи баёни хулоса ҳадафнок мешуд.

Ба назари мо, камбудиву пешниҳоди зикршуда ҷузъӣ буда, қимати илмии диссертатсияро кам намекунанд. Муҳим он аст, ки мавзӯъ нав аст, бори аввал мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор мегирад. Фикрҳои ӯ бар асоси сарчашмаҳои бойгониву илмӣ асоснок шудаанд ва аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дарпешгузошта баромадааст. Хулосаҳои умумии диссертатсия дорои ҷанбаи қавии илмӣ мебошанд ва рисола дар ҷодаи илми ватанӣ саҳифаи тозаеро мекушояд.

Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии худ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои

диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика мебошад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои филология, профессор С. Хоҷазод

Нишонии муассиса: 734003
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: 992(+327)227 76 57

Нишонии саҳифаи расмӣ:
Saidmurod70@mail.ru
Тел.: (+992)93 855 5299

Имзои д.и.фил., профессор
Саидмурод Хоҷазодро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Д. Назаров

5.08.2020